***Фарзанди ман*,**

Шояд, ту маро надонӣ, аммо ман дар бораи ту ҳамаро медонам
(Забур 139 (138):1)
Ман медонам, ки кадом вақт ту мешинӣ ва кадом вақт мехезӣ
(Забур 139 (138):2)
Ба ман тамоми фикрҳо ва роҳҳои ту маълум аст (Забур 139(138):3)
ва ҳатто мӯйҳои дар сарат буда, ба ҳисоб гирифта шудаанд (Матто 10:29 - 30)
зеро Ман туро ба сурати Худам фаридаам (Ҳастӣ 1:27)
Бо ман ту зиндагӣ ва ҳаракат ва ҳастӣ дорӣ (Аъмол 17:28)
Ту – ворисi ман аз авлоди Ман ҳастӣ (Аъмол 17:28)
Ҳанӯз то пайдоишат Ман туро медонистам (Ирмиё 1:4 - 5)
ва туро пеш аз офаридани дунё интихоб кардам (Эфсӯсиён 1:11 - 12)
Ту тасодуф ва хатогӣ нестӣ! Дар китоби Ман ҳама рӯзҳо барои ту таъйиншуда, навишта шудааст (Забур 139 (138):15-16)
Ва Ман барои ту рӯзи тавлид ва ҷои манзилатро муайян кардам (Аъмол 17:26)
Ту офариниши аҷоиб ва ҳайратангез ҳастӣ (Забур 139 (138):14)
Ман боэҳтиёт туро дар батни модарат сохтам (Забур 139 (138):13)
ва дар рӯзи тавлидат туро аз батни модарат баровардам (Забур 71 (70):6)
Маро нодуруст ба ту шинос кардаанд, ононе, ки маро намедонанд
(Юҳанно 8:41-44)
Ман бо ту ҳастам ва Ман бад нестам, балки Ман пур аз меҳр ба ту ҳастам
(1 Юҳанно 4:16)
Ман мехоҳам, ки ҳамаи онро ба ту диҳам, барои он ки ту ба ман фарзанд ҳастӣ ва Ман Падари ту (1 Юҳанно 3:1)
Ман метавонам ба ту бисёр чиз диҳам назар ба падари заминиат (Матто 7:11)
зеро Ман Падари баркамол ҳастам (Матто 5:48)
ва ҳар қобилияити мукаммалро ту аз дасти ман мегирӣ (Иак 1:17)
Ман медонам, ки ту ба чӣ ниёз дорӣ ва ҳама чизро ба ту медиҳам он чизе, ки ту ба он ниёз дорӣ (Матто 6:31-33)
Ояндаи ту аз умед саршор аст (Ирмиё 29:11)
Барои он, ки Ман туро бо муҳаббати беохир дӯст доштам (Ирмиё 31:3)
Фикри ман дар бораи ту ба мисли зарраи реги лаби баҳр беҳисоб аст
(Забур 139 (138);17-18)
Вақте ки ман дар бораи ту фикр мекунам, дили ман аз хурсанди суруд мехонад (Сафанъё 3:17)
Ман ҳеҷгоҳ офаридани некиро ба ту бас намекунам (Ирмиё 32:40)
Ту бойгарии ман ҳастӣ (Хуруҷ 19:5)
Бинобар ин, аз сидқи дилам ва бо тамоми рӯҳам Ман ба ту қувват дода меистам (Ирмиё 32:41)

Ман мехоҳам ба ту бузургӣ ва дастнорасиро нишон диҳам, он чизеро ки ту намедонӣ ва надидаӣ (Ирмиё 33:3)
Агар аз сидқи дилат Маро ҷустуҷӯ намоӣ, ту Маро пайдо мекунӣ
(Такрори Шариат 4:29)
Бо ман худро таскин деҳ ва Ман хоҳиши дилатро иҷро мекунам (Забур 37 (36):4)
зеро Ман ба ту ин хоҳишро додам (Флп 2:13)
Ман қобилам барои ту бисёртар корро кунам, назар ба оне, ки ту аз ман хоҳиш дорӣ ё фикр мекунӣ (Эфсӯсиён 3:20)
Барои он ки Ман аз ҳама беҳтарин тасаллои ту ҳастам (2 Таслӯникиён 2:16-17)
Ман – падари туам, тасаллодиҳандаи ту дар ҳама ғамгусориҳои ту (2 Кор 1:3-4)
Ба ту гӯш мекунам, вақте ки ту ба ман муроҷиат мекунӣ (Забур 34:18)
Мисле, ки чӯпон барраро дар дасташ мебарад, Ман низ туро дар дастам гирифта, дар оғуши хоҳам бурд (Ишаъё 40:11)
Рӯзе меояд, ки оби дидаатро аз чашмонат пок мекунам, ҳама дардеро, ки ту ночор дар рӯи замин тоқат кардӣ бартараф мекунам (Ваҳй 21:3 – 4)
Ман падари туам ва ман туро мисли писарам Исо дӯст медорам (Юҳанно 17:23)
Ба воситаи Ӯ Ман муҳаббатамро ба ту кушодам (Юҳанно 17:26),
зеро ӯ қиёфаи комили Ман аст (Ибриён 1:3)
Ман ӯро ба назди ту барои нишон додани он, ки Ман тарафдорӣ туам, на зидди ту, фиристондам (Румиён 8:31)
Барои гуфтан, ки Ман гуноҳҳои туро ҳисоб надорам, зеро Исо барои сулҳ бастан байни ману ту вафот кард (2 Кӯринтиён 5:18-19)
Вафоти ӯ волотарин изҳори муҳаббати ман нисбати ту шуд (1 Юҳанно 4:10)
Ман аз ҳама қимматарин чизҳоро додам, ба ҳеҷ чиз раҳм накардам, то ки ту ба ман меҳр бандӣ (Румиён 8:32)
Агар ту ҳадяи маро – Писари Маро Исоро қабул дорӣ, ту маро низ қабул мекунӣ (1 Юҳанно 2;23)
ва он гоҳ ҳеҷ чиз ва ҳеч гоҳ туро аз меҳри ман ҷудо карда наметавонад
(Румиён 8:38-39)
Ба назди ман биё ва ман дар ҷаннат базми бемисл ташкил мекунам (Луқо 15:7)
Ман ҳамеша падари ту будам ва ҳамеша хоҳам монд (Эфсӯсиён 3:14-15)
Акнун аз ту хоҳиш дорам, ки ту фарзанди Ман мешавӣ? (Юҳанно 1:12-13)
Ман туро интизорам (Луқо 15:11-32)

**Бо муҳаббат,**
*Падари ту, Худованди ҷаббор*